## Саволномаҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои ҳамаи ихтисосҳо, омӯзгорони кафедра, нимсолаи 1, рейтинги 1.

**1.Кадом исмҳо ду реша доранд?**
А)Сода; В)Сохта; С)Танҳо; Д)Мураккаб; Е)Таркибӣ.
**2. Садонокҳои забони тоҷикӣ чандтоанд?**
А) 8; В) 4; С) 6; Д) 10; Е) 12.
**3.Аз калимаҳои додашуда пайвандакашро ёбед:**
А)Чунки; В)Олим; С)Сипеҳр; Д)Табиб; Е)Дору.
**4. Морфология чиро меомӯзад?**
А)Ибора ва ҷумла; В)Овоз ва ҳарф; С)Таърихи калима; Д)Шакли калима; Е)Ҳиссаҳои нутқ.
**5. Кадоме аз ин калимаҳо ба сифати мураккаб дохил мешавад?**
А)Боодоб; В)Мурувват; С)Беҳтар; Д)Барнодил; Е)Гулрӯ.
**6.Алифбои забони тоҷикӣ аз чанд ҳарф иборат аст?**
А)35; В)28; С)39; Д)34; Е)32.
**7. Аз калимаҳои додашуда зарфашро ёбед:**
А)Пагоҳӣ; В)Шодӣ; С)Қисса; Д)Китоб; Е)Бемор.
**8.Сифати феълӣ бо ёрии кадом пасвандҳо сохта мешавад?**
А)-зор,-истон,-дон; В)-ин,-гин,-ангин; С)-а,-агӣ,-ӣ; Д)-он,-дон,-ён; Е)-ча,-ак,тоб.
**9.Чӣ гуна калимаҳоро иқтибосӣ меноманд?**
А)Аз забонҳои дигар воридшуда; В)Калимаҳои нав; С)Калимаҳои шевагӣ; Д)Калимаҳои куҳна; Е)Калимаҳои якмаъно.
**10.Овоз ва ҳарфи “й” дар куҷои калима меояд?**
А)Аввал; В)Мобайн; С)Охир; Д)Ҳиссаи аввали калима; Е)Решаи калима.
**11.Аломати сакта чӣ гуна овозро ифода мекунад?**
А)Садонок; В)Ҳамсадо; С)Ташдид; Д)Ҳамсадои ҳалқӣ; Е)Ҷарангдор.
**12. Аз калимаҳои додашуда шумораашро ёбед?**
А)Сад, ҳазор; В)Арра, тилло; С)Ин, он; Д)Омад, хонд; Е)Муъҷиза, шуҳрат.
**13.Сифат чанд дараҷа дорад?**
А)2; В)3; С)4; Д)5; Е)6
**14.Кадом ҳиссаи нутқ ба ҷои исм, сифат, шумора меояд?**
А)Зарф; В)Феъл; С)Ҷонишин; Д)Нидо; Е)Ҳиссача.
**15.Шумораҳои се, чор, панҷ ба кадом гурӯҳи шумораҳо дохил мешавад?**
А)Сода; В)Аслӣ; С)Касрӣ; Д)Мураккаб; Е)Тахминӣ.
**16.Кадом ҳиссаи нутқ амал, ҳолат ва ҳаракатро мефаҳмонад?**
А)Нидо; В)Пайвандак; С)Исм; Д)Сифат; Е)Феъл.
**17.Маънои луғат чист?**
А)Калима**;** В)Ҷумла; С)Ибора; Д)Сухан; Е)Гап.
**18.Мухотаб чиро мефаҳмонад?**
А)Илтимос; В)Мурочиат; С)Хоҳиш; Д) Амр; Е)Фармон.
**19. Кадом шумораҳо бо дефис навишта мешаванд?**
А)Сода; В)Аслӣ; С) Тахминӣ; Д)Миқдорӣ; Е)Тартибӣ.
**20.Кадоме аз ин калимаҳо ҷонишин шуда метавонад?**
А)Офтоб; В)Наврӯз; С)Маориф; Д)Шумо; Е)Инсон.
**21. Кадоме аз ин калимаҳо зидмаъноанд?**
А)Субҳ-пагоҳӣ; В)Шаб-торикӣ; С)Хунук-сард; Д)Сиҳат-бемор; Е)Ором-осуда.
**22. Кадоме аз ин калимаҳо ба соҳаи илми тиб дохил мешаванд?**
А)Дӯст; В)Хирад; С)Саҳмия; Д)Ташхис; Е)Давлат.
**23. Ҳиссаи номии нутқро ёбед?**
А)Пешоянд; В)Пайвандак; С)Сифат; Д) Нидо; Е)Ҳиссача.
**24.Калимаҳои аз, ба, бар, дар, барои чӣ ном доранд?**
А)Пасванд; В)Ҳиссача; С)Пайвандак; Д)Пешоянд; Е)Бандак.
**25.Ҳиссаҳои ам, ат, аш, амон, атон, ашон чӣ ном доранд?**
А)Бандаки феълӣ; В)Бандакҷонишин; С)Бандаки хабарӣ; Д)Бандаки феълӣ; Е)Суффикс.
**26.Феъли забони тоҷикӣ чанд асос дорад?**
А)3; В)5; С)1; Д)4; Е)2.

**27. Калимаи Тоҷикистон кадом навъи исм аст?**
A)Хос; B)Ҷондор; C)Беҷон; Д)Маънӣ; E)Моддӣ.
**28. Грамматикаро дар якҷоягӣ кадом қисматҳои забон ташкил медиҳанд?**
A)Фонетика ва морфология; B)Морфология ва синтаксис; C)Лексикология ва фонетика; Д)Фонетика ва синтаксис; E)Услубшиносӣ ва фразеология.
**29. Ҷиҳати овозии забонро кадом бахши илми забоншиносӣ меомӯзад?**
A)Фонетика; B)Морфология; C)Синтаксис; Д)Лексикология; E)Фразеология.
**30.Калимаҳои модар, хона, гул, мактаб кадом навъи калимаҳо ҳастанд?**
A)Сода; B)Сохта; C)Мураккаб; Д)Калимае, ки бо пасванд омадааст; E)Ҳамааш дуруст аст.
**31.Феъли "хонда истодаам" кадом замони феълро далолат мекунад?**
A)Замони гузашта; B)замони ҳозира; C)Замони гузаштаи наздик; Д)Замони оянда; E)Замони ҳозира-оянда.
**32. Пешоянди "дар" аз чанд ҳиҷо иборат аст?**
A)Ду ҳиҷо; B)Се ҳиҷо; C)Ба ҳиҷо ҷудо намешавад; Д)Ҳамааш дуруст аст; E)Як ҳиҷо.
**33. Дар кадом гурӯҳ калимаҳо дуруст ба ҳиҷо ҷудо шудааст?**
A)Макт-аб, дон-иш; B)Мак-таб, до-ниш; C)Тал-аба, кит-об; Д)Аро-ба; техн-ика; E)Фа-ъол; мубт-адо.
**34. Феъл чанд сиға дорад?**
A)Як сиға дорад; B)Чор сиға дорад; C)Ду сиға дорад; Д)Шаш дорад; E)Се сиға дорад.
**35.Сифат дар ҷумла ба вазифаи чӣ меояд?**
A)Муайянкунанда; B) Хабар; C)Ҳол; Д)Пуркунанда;E)Мубтадо
**36.Калимаҳои офтоб, хуршед, меҳр, шамс, ки як маъноро ифода мекунад, чӣ ном доранд ?**
A) Пароним; B) Омоним; C) Антоним; Д ) Сермаъно;E) Синоним
**37. Калимаҳои зид маънои навъи хурд - калон , кутоҳ - дароз, сиёҳ- сафед, дур- наздик чӣ ном доранд ?**
A ) Муродиф; B) Мутазод; C) Ҳамгуна; Д ) Сермаъно; E) Каммаъно.
**38.Калимаҳоро ҳамчун воҳиди луғавӣ кадом бахши илми забоншиносӣ меомӯзад?**
A) Морфология; B) Фразеология; C) Лексикология; Д) Фонетика; E) Лексикография
**39.Калимаҳо ҳамшаклу гуногун маъно чӣ ном доранд?**
A) Омоним; B) Антоним; C) Неологизм; Д) Синоним; E) Архаизм;
**40.Калимаҳое, ки маънои луғавӣ надоранд , чӣ ном доранд?**
A) Калима; B) Пешванд; C) Пешоянд; Д)Аффикс; E) Калимаҳои ёвар
**41.Аз мисолҳои зерин гурӯҳи калимаҳои аслан тоҷикиро муайян кунед ?**
A) Китоб, дафтар, қалам; B) Хона, об, замин; C) Қишлоқ, қалам, қаймоқ; Д ) Чаро, пол, кулоҳ; E) Бензин, каресин, мошин
**42. Кадоме аз ин пайвандакҳоро пайвасти пайиҳам мегӯянд?**
A)Ва, у (ю, ву); B) Аммо, вале, лекин, балки; C)Агар, азбаски, чун,чунки; Д) Ё; ё ин ки ва ё; E) Барои он ки, аз сабаби он ки
**43.Ибораи " китобро хондан " бо кадом восита сохта шудааст?**
A) Бо бандаки изофӣ; B) Бо пасоянд; C) Бо пешоянд; Д) Бо пешванд; E) Ҳамроҳӣ
**44. Кадом калимаҳо ҳарфи йотбарсар доранд?**
A) Сеюм, юнучқа, юғ; B) Ҷайҳун, кайҳон, райҳон; C) Сайҳун, Сайрам, сайр; Д) Мӯй, рӯй, сӯй; E) Яҳё, Сайёра, Маймун
**45.Ҳаммаъноҳои калимаи "далер"- ро нишон диҳед?**
A) Пирӯз, ғолиб; B) Нотарс, диловар; C) Бузург, калон; Д) Инсон, шахс; E) Дунё, даҳр
**46. Муродифи калимаи "истиқлолият"- ро нишон диҳед?**
A) Мустақилӣ,соҳибихтиёрӣ; B)Озодӣ, баробарӣ; C) Ихтиёрӣ, новобастагӣ; Д) Якпорчагӣ, муттаҳидӣ; E) Демократӣ, Муттаҳидӣ
**47.Дар кадом маврид дар охири ҷумла сенуқта гузошта мешавад ?**
A) Агар ҷумла оҳанги пурсиш дошта бошад; B) Агар ҷумла мазмуни хабарӣ дошта бошад; C) Агар оҳанги баён баланд ва амрӣ бошад; Д) Агар ҷумла нопурра бошад; E) Агар оҳанги ҷумла ҳикоягӣ бошад.
**48. Дар кадом банд имлои шумораи тартибӣ дуруст аст?**
A) Ду саду бисту сеюм; B) Ду саду бистусеюм; C) Ду саду бисту сеёум; Д) Дусаду бисту сеюм; E) Дусадубистусеюм
**49. Ҳолат, замон, маҳаллу макон, сабабу мақсади амалро кадом ҳиссаи нутқ мефаҳмонад?**
A) Исм; B) Сифат; C) Феъл; Д) Зарф; E)Ҷонишин

**50.Ҷонишинҳои “кадом” , “ким кадом ”, “ким кӣ”, “ ким чӣ”, “ягон” ба кадом гурӯҳ дохиланд?**

А) Манфӣ; В) Номуайянӣ; С)Таъинӣ; Д) Инкорӣ; Е) Хилофӣ

**51. Кадом калимаҳо сифатанд ?**

А) Пурпечутоб, дуроду, ҷоноҷон; В) Меҳмонхона,тирукамон, ширбиринҷ; С)Давутоз, рафту омад, пасу пеш; Д) Сарнавишт, якдилӣ, шабистон; Е) Якдилӣ, ҳамнишин, ҳамзабон

**52. Дар ҷумлаи зерин кадом аъзои он чида шудааст?**

Як марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ, хушфеъл, моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт.

А) Хабар; В)Пуркунанда; С)Мубтадо; Д)Муайянкунанда; Е)Ҳол

**53.Дар кадом банд фақат аъзои пайрави ҷумла дода шудааст?**

А) Муайянкунанда, пуркунанда, ҳол; В)Муайянкунанда, пуркунанда, хабар;С) Мубтадо, хабар, ҳол; Д) Мубтадо, хабар; Е) Пуркунанда, сифат, феъл

**54. Ба ҷойи се нуқта феъли ҳоли мувафиқро гузоред?**

Модар... духтарчаашро мехобонд.

А) Гапзанон; В)Хандону шукуфон; С)Аллагӯён; Д)Пичирросзанон; Е)Фарёдкунон

**55. Ба ҷои сенуқта зарфи замони мувафиқро гузоред?**

... дард шиддат кард.

А) Шабона; В)Пагоҳ; С)Порсол; Д) Фардо; Е)Имрӯз

**56. Ибораи фрезеологии “таги чашм кардан” чӣ маъно дорад?**

А) Касеро чашм кардан; В)Касе ё чизеро бо зери чашм нигаристан; С) Ба касе чашм расидан; Д) Касе ё чизеро бо мақсаде моддӣ назар гирифтан; Е)Чашм андӯхтан

**57.Ибораи фразеологии “димоғ сӯхтан” чӣ маъно дорад?**

А) Бемор шудан; В)Табъ хира шудан; С) Ба касе душмани кардан; Д) Бинии касе сӯхтан; Е) Монда шудан.

**58.Ариза бо кадом услуб навишта мешавад?**

А) Расмию коргузорӣ; В)Бадей; С)Рӯзноманигорӣ; Д)Илмӣ; Е)Адабӣ

**59.Ҳолнома (тарҷумаи ҳол ) ба кодом услуб навишта мешавад?**

А) Илмӣ; В) Расмӣ- коргузорӣ; С)Рӯзноманигорӣ; Д)Бадей; Е)Гуфтугӯӣ

**60. Тавсифнома ва тависиянома дар кадом услуб навишта мешаванд?**

А) Бадей; В) Расмӣ; С)Гуфтугӯӣ; Д) Рӯзноманигорӣ; Е) Илмӣ

**61. Ваколатнома ба кадом услуб навишта мешавад?**

А) Рӯзноманигорӣ; В) Гутугӯӣ; С) Бадей; Д) Расмию коргузорӣ; Е) Илмӣ

**62.Забонхат бо кадом услуб навишта мешавад?**

А) Расмию коргузорӣ; В) Илмӣ; С)Бадей; Д)Рӯзноманигорӣ; Е)Публитсистӣ

**63. Кадоме аз ин нивиштаҳо бо санадҳои расмӣ (коргузорӣ) мансубанд?**

А) Табрикнома, тасдиқнома; В)Қисса, очерк; С)Репортаж, мусоҳиба; Д) Китоби дарсӣ; Е) Афсона, латифа

**64. Исмҳо дар кадом қатор ҷойгир шудаанд?**

А)Тоҷикдухтар, холабача, модарарӯс; В)Дилрабо, фаромӯшхотир, хушхиром; С)Гулобӣ, хокистарранг, қаҳваранг; Д)Паёпай, лаболаб, саросар; Е)Чорзону, рӯ ба рӯ, даст ба даст

**65. Кадом калимаҳо исманд?**

А) Анҷомёфта, иҷрокарда, пешбаранда; В)Сарнавишт, якдилӣ, шабистон; С)Пареррӯз, пасфардо, порсол; Д)Пешқадам, хабаркаш, чорпаҳлӯ; Е) Сурхинарӯй, гандумранг, сабзина

**66.Қатори исмҳоро нишон диҳед, ки ҳамагӣ дар шумораи ҷамъ омадаанд?**

А) Говон, Ёвон, вагон; В) Давон, гулдон, қувон; С) Дандон, корвон, гулрухон; Д) Бачагон, оҳувон, меҳон; Е) Биёбон, боғбон, гургон.

**67. Дар кадом қатор исмҳои хос дуруст навишта шудааст?**

А) Шаҳритус, Конибодом, Шаҳринав; В) Шаҳритӯс, Кони бодам, Шаҳринав; С) Шаҳритӯс, Конибодом, Шаҳри нав; Д) Шаҳри тӯс, Кони бодом, Шаҳри нав; Е)шаҳритус, конибодом, шаҳринав

**68. Ба ҷойи сенуқта сифатҳои мувофиқро гузоред?**

Душанбе шаҳри ... аст.

А) Азим ва хушрӯй; В) Бузург ва хушрӯй;С) Калон ва зебо; Д) Кабир ва зебо; Е) Зебо ва гуворо

**69. Қатори кадоме аз ин калимаҳо сифатанд?**

А) Гармхона, тангкӯча, пасткӯча; В) Майдагул, яккабоғ, чилчароғ; С) Дуродур, рангоранг, ҷоноҷон; Д) Пирзан, пирамард, ҷавонзан; Е) Донишҷӯён, ҳамсабақон, бачагон

**70. Дар кадом банд имлои шумораи тартибӣ дуруст аст?**

A) Дусаду бисту сеюм; B) Ду саду бисту сейӯм; C) Ду саду бистусеюм; Д) Дусаду бистусеум; E) Дусадубистусеюм

**71. Шумораҳои мураккабро нишон диҳед?**

A) Бист, чиҳил, ҳафтод, навад; B) Дусад, чордаҳ, чоряк, шашяк; C) Аз се як, бисту ду, сию се, яку ним; Д) Ду-ду, се-се, сетоӣ-сетоӣ, ягон-ягон; E) як, ду, се, чор

**72.Дар номи кадом асар шумораи таркибӣ омадааст?**

A) “Ҳазору як шаб”; B) “Чор унсур”; C) “Ҳафт пайкар”; Д) “Панҷсад ҳадис”; E) “Чил духтарон”

**73. Имлои шумора бо нумератив дар кадом сатр дуруст аст?**

A) Панҷ нафар коргарон; B) Чор нафар фаррошон; C) Ду даста гул; Д) Ду бех ниҳолҳо; E) Чилу чор чашма

**74. Ба ҷои нуқтаҳо кадом феълҳоро гузоштан дуруст аст?**
**Андаке... аз бисёр... хуштар аст.**

A)Хондан, донистан; B)Шунидан, дидан; C)Фаҳмидан, гуфтан; Д)Навиштан, хондан; E)Карданист, рафтанист

**75. Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо зарфи миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред?**
**Хонанда аз ҷавоби худ... хурсанд буд.**

A) Зиёд; B) Кам-кам; C) Бағоят; Д) Як миқдор;E) Хеле;

**76. Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**
**... меваҳо тез пазанд, зимистон барвақт меояд.**

A) Ҳамин ки; B) Зеро ки ; C) Агар; Д) Азбаски; E) Барои он ки

**77. Пайвандакҳои даме ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, ҳар гоҳ ки чӣ гуна ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла алоқаманд мекунанд?**

A)Пайрави сабабро; B)Пайрави замонро; C)Пайрави мақсадро; Д)Пайрави монандиро; E)Пайрави хилофӣ

**78. Баҷои сенуқта феъли мувофиқро гузоред:**
**Абрҳо пароканда шуда, дар паси кӯҳҳо ...**

A) Руст шуданд; B)Ниҳон буданд; C)Пинҳон гардиданд; Д) Падидор шуданд; E)Намоён шуданд

**79. Асоси замони гузашта феълҳои “бин”, “афрӯз”, “шӯй” ва “о(й) \ биё “ кадомҳоянд?**

A) Дид, фурӯз, шӯй, биё; B) Дид, афрӯхт, шуст, омад; C) Дид, афрӯзид, шушт, биёмад
Д) Мебинад, меафрӯзад, мешӯяд, меояд; E) Рафт, омад, меомад, гуфт

**80. Шумораҳои тахминиро нишон диҳад ?**

A) 2- юм, 9-ум, 24 - ум, 33- юм; B) Якто, бистто, чилто, сесадто; C) Як- ду, ду -се, се-чор, сӣ-чил; Д) Сеяк, аз ду як, даҳяк, аз панҷ ду; E) Якум, дуюм, сеюм,чорум

**81. Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқ гузоред?**

Саллаи шумо ... дер боз рӯи тағораи ҷомашӯиро надидааст.

A) Ку; B) Магар; C)Наход; Д) На ин ки; E) Ё ин ки

**82.Кадоме аз ин калимаҳо феълҳои бавоситаанд ?**

A) Мондан, рондан, хондан; B) Давидан, гардидан, паридан; C) Навиштан, тарсидан, хандидан; Д)Гардондан, нависондан, паррондан; E) Гуфтан, рафтан, дидан

**83. Калимаҳои зудтар, ногаҳон, хоксорона, оромона, пагоҳӣ, якбора ва базӯр-базӯр кадом ҳиссаи нутқанд?**

A) Исм; B)Сифат; C) Зарф; Д) Сифати феълӣ; E) Феъл

**84.Ба ҷои се нуқта кадом пешояндро гузоштан дуруст аст?**
**Овозаи ин шоири забардаст... Бухоро расидааст.**

A) Бар; B) Дар; C) То; Д) Аз; E) Ба

**85. Ба чойи сенукта пайвандаки мувофикро гузоред?**

**Дар сухан бо дӯстон оҳиста бош,**

**...надорад душмани хунхор гӯш. (Саъдии Шерозӣ)**

A) Ки; B)Гар; C) То; Д) Чун; E) Ё.

**86. Ба ҷойи сенуқта сиғаи феълии мувофиқро гузоред;**

Аз роҳи дур омадам, ки шумоёнро хабар гирам ва алалхусус модарамро...

A) Гуфтанӣ будам; B) Хоҳиш карданӣ будам; C)Диданӣ будам; Д) Суҳбат карданӣ будам; E)Рафтанӣ будам

**87. Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз сифат ва исм сохта шудаанд?**

A) Ошпаз, сартарош, хобухез; B) Даводав, кашокаш, пурсупос; C) Зебосанам, ҷавонзан, яккабоғ

Д) Модаркалон, падарарӯс, хушдоман; Е)Дуредгар, хоболуд, китобхона

**88. Дирӯз, имрӯз, пагоҳ ва бегоҳба кадом гурӯҳи калимаҳо мансубанд?**

А) Зарф; В) Сифат; С) Сифати феълӣ; Д) Исм; Е) Феъли ҳол

**89. Дида, шунида, омадагӣ ва рафтагӣ чӣ гуна калимаҳоянд?**

А) Зарф; В) Сифат; С) Сифати феълӣ; Д) Феъли ҳол; Е) Муайянкунунда

**90. Кадоме аз ин калимаҳо сифатанд?**

А) Сабзиш, дониш, биниш; В) Бомаърифат, баркамол, нooром; С)Тарбия, камол, маърифат; Д)Раванда, гӯянда, шунаванда; Е) Омад, рафт, гуфт

**91. Кадом калимаҳо зарфи тарзи амаланд?**

А) Тӯтивор, кӯдаквор, шоирона; В)Ҳозир, фардо, шабона; С)Андак, хеле, барзиёд; Д)Зудтар, якбора, оромона; Е) Ҳамакаса, секаса, яктой.

**92. Дар ҷумлаи зерин ба ҷои се нуқта ибораи изофии мувофиқро гузоред?**

**Ғоибамак як чойник ... овард. (С. Улуғзода)**

А) Оши бурида; В) Мураббои олучагӣ; С) Оби нӯшиданӣ; Д) Ҷурғоти хонагӣ; Е) Чои ҷӯшидагӣ.

**93. Ҷумларо бо ибораи мувофиқ пурра кунед?**

Боғбон дар боғ ... яккаву танҳо мегардад. ( А. Турсун )

А) Аксар вақт; В) Камтар вақт; С) Бисёр вақт; Д) Ҳама вақт; Е) Ҳамон вақт.

**94. Ду ва ё зиёда калимҳои мустақил маъно, ки бо якдигар алоқаманд гардида, мафҳуми мураккабро ифода мекунад, ... чӣ ном доранд?**

А) Ҷумла; В) Калима; С) Ибора; Д) Таркиб; Е) Фонема.

**95.Тарзи навишти кадоме аз ин ибораҳо дуруст нест?**

А) Дафъи бало; В) Табъи хуш; С) Мавзӯъи дарс; Д) Навъи пахта; Е) Мавзуъчаҳо.

**96. Дар ибораҳои “аспи саманд“, “себи хубонӣ”, “орзуи наҷиб” ва “одами хондагӣ” ҷузъҳои асосиашон кадом ҳиссаи нутқанд?**

А) Исм; В) Феъл; С) Сифат; Д) Зарф; Е) Ҷонишин;

**97. Ибораи “китобро хондан” бо кадом восита сохта шудааст?**

А)Бо бандаки изофӣ; В) Бо пасоянд; С) Бо пешоянд; Д) Бо пешванд; Е) Бо пайвандак.

**98. Ҷумларо пурра кунед, ки хабар аз рӯйи замон ба мубтадо мувофиқ бошад?**

Соли 1980 дар мавзеи Қаряи Болои шаҳри Душанбе муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино ...

А) Қомат меафрохт; В) Қомат афрохт; С) Қомат меафрохтааст; Д) Қомат хоҳад афрохт; Е) Қомат афрохтаанд.

**99. Ҷумларо пурра кунед, ки хабар ба мубтадо мувофиқат намояд?**

Мурғ қанотҳояшро кушода, гарданашро каме ёзонд ва ба тарафи боло...

А) Нигоҳ карда буд; В) Нигоҳ кард; С) Нигоҳ мекардагист; Д) Нигоҳ карда истодааст; Е) Нигоҳ карда истодаанд;

**100. Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқро гузоред?**

Ситораҳо ҳам кам-кам ба чашмакзанӣ ... ( Р. Ҷалил )

А) Сар мекарданд; В) Сар кард; С) Сар кардаст; Д) Сар кардаанд; Е) Сар карда буданд.